# ШУЪБАИ СЕЛЕКСИЯ ВА ТЕХНОЛОГИЯИ ГӮСФАНДПАРВАРӢ ВА БУЗПАРВАРӢ

## ҲАЙАТИ КОРМАНДОНИ ШУЪБАИ



Наботов Сафаралӣ Қамчинович
н.и.к., мудири шуъба



Давлатов Хуршед Қаҳорович
Ходими калони илмӣ



Икромов Фазлиддин Маҳмадзоитович
Ходими калони илмӣ



Давлатшоев Нодиршо
ходими калони илмӣ



Отаева Муясара
ходими калони



Куганов Тошбой
н.и.к., ходими пешбари илмӣ



Абдулозода Ҳасан
ходими илмӣ



Маҳмазоитова Чаманоро
ходими хурди илмӣ

## АЗ ТАЪРИХИ ШУЪБАИ СЕЛЕКСИЯ ВА ТЕХНОЛОГИЯИ ГӮСФАНДПАРВАРӢ ВА БУЗПАРВАРӢ

Шӯъбаи гӯсфандпарварӣ баробари ташкил шудани «Стансияи таҷрибавии ҷумҳуриявӣ доир ба чорводорӣ» соли 1930 ташкил ёфта, доир ба корҳои зотпарварӣ ва зиёд намудани саршумори чорвои хушзот, баланд бардоштани иқтидори маҳсулнокии зотҳои гӯсфандони дар ҷумҳурӣ парваришёбанда, таҳия ва ҷорӣ намудани усулҳои самарабахши селексионӣ ва технологияҳои инноватсионӣ, таҳқиқотҳои илмӣ ва корҳои селексиониро ба роҳ монда, инчунин татбиқи дастовардҳои илмии олимони шӯъбаро дар хоҷагиҳои гӯсфандпарварӣ амалӣ менамояд.

Шуъбаи селексия ва технологияи гӯсфандпарварии Институти чорводории Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон дар асоси Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Оинномаҳои Вазорати кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон, Оинномаи Институти чорводорӣ ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқие, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон эътироф кардааст, фаъолият намуда, дар сохтори таркибии Институти чорводорӣ қарор ёфтаст.

Соли 2020 шуъбаи селексия ва технологияи гӯсфандпарварӣ ва бузпарварӣ номгузорӣ карда шуда, доир ба масъалаҳои муҳимтарини тараққиёти соҳаи гӯсфандпарварӣ ва бузпарварӣ аз ҷониби олимони шуъба дар қаламрави ҷумҳурӣ таҳқиқотҳои илмию корҳои селексионӣ ба роҳ монда шуда, аз натиҷаи онҳо хулосаҳои илман асоснок пешниҳод карда мешаванд.

Дар шуъба 4 сектор: сектори гӯсфандони зоти ҳисорӣ, гӯсфандони зоти тоҷикӣ, гӯсфандони зоти маҳинпашми помирӣ ва сектори гӯсфандони зоти қароқӯлӣ фаъолият доранд.

Дар натиҷаи корҳои бисёрсолаи илмию селексионӣ дар ин муассиса олимон ба дастовардҳои бузург ноил гардида буданд. Дар ин давра ба бунёди зоти гӯсфандони сергӯшту серравған ва серпашми тоҷикӣ, ҷинси қубодиёнии гӯсфандони зоти қароқӯлӣ, гурӯҳи зотии гӯсфандони маҳинпашми помирӣ (дарвозӣ) ва ҷинси фархории гӯсфандони зоти ҳисорӣ ноил шуда буданд.

Дар ин давра доир ба соҳаи гӯсфандпарварӣ олимон рисолаҳои докторию номзадиро ҳимоя намудаанд: Алиев Ғ.А., Фарсихонов С.И., Эргашев Д.Э., Ҳайитов А.Ҳ., Ҷалолов Х.Ҷ., Раҳимов Ш.Т., Раҷабов Н.А., Лебедев И.Г., Гусейнов А.М., Осичкин Г.Н., Файзуллоев Қ.Ф., Хусанов А., Куганов Т., Сафаралиев Ғ., Отаева М., Турдиқулов Т., Олимов А., Икромов Ф.М., Бобокалонов И., Раҷабов Н.А., Давлатов Х.Қ., Наботов С.Қ.,

Дар шуъбаи селексия ва технологияи гӯсфандпарварӣ аз соли 1971 то соли 2012 доктори илмҳои кишоварзӣ, профессор Фарсихонов Содир Эшонхонович, аз соли 2012 то соли 2016 доктори илмҳои кишоварзӣ Ҷалолов Хайриддин Ҷалолович ва аз соли 1916 то 2017 номзади илмҳои кишоварзӣ Сафаралиев Ғуломқодир ҳайси мудири шуъба роҳбарӣ ва фаъолият намудаанд. Давраи солҳои 2017 - 2021 вазифаи мудири шуъбаро номзади илмҳои кишварзӣ Давлатов Хуршед Қаҳорович иҷро намудааст. Айни замон шуъбаи мазкур ҳамчун шуъбаи селексия ва технологияи гӯсфандпарварӣ ва бузпарварӣ номгузорӣ карда шуда, аз соли 2021 то ин ҷониб номзади илмҳои кишоварзӣ Наботов Сафар Қамчинович ба ҳайси мудири шуъба кор ва фаъолият доранд.